# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи “Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Саҳобии Астарободӣ, яке аз адибони машҳури охири асри XVI, ки ҳамчун рубоисаро ва ғазалсаро дар тазкираҳо эътироф шудааст, ихтисос ёфтааст.

Дар робита ба рӯзгору осори шоири мавриди таҳқиқ дар адабиётшиносии тоҷик то ҳол пажӯҳиши ҷудогона анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу барқарор намудани рӯзгору осори Саҳобӣ бо истинод ба сарчашмаҳои адабӣ, тазкираву баёзҳо ва рисолаҳои илмӣ дар адабиётшиносии тоҷик саҳифаи наве ба шумор меравад.

Дар заминаи ҷустуҷӯ ва баррасии сарчашмаҳо диссертант ба хулосае омадааст, ки Саҳобии Астарободӣ шоири ориф буда, дар жанрҳои ғазал, рубоӣ ва маснавӣ осори арзишманде таълиф карда, аммо дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун рубоисаро сабт гардидааст. То замони мо 6 255 рубоӣ, 535 ғазал ва маснавиҳои ӯ омада расидаанд. Зиёда аз 40 дастхатти маҷмуаи осори Саҳобии Астарободӣ бо теъдоди гуногуни рубоиёту ғазалиёт, як маснавӣ ва рисолаи «Урват-ул-вусқо» дар китобхонаву осорхонаҳои ҷаҳон мавҷуданд. Муаллифи диссертатсия аз се дастхатти муътабари осори шоир истифода бурдааст, ки арзиши кори таҳқиқотии ӯро боло мебарад. Ашъори шоир ишқи поку беолоиш, некиву накукорӣ, дӯст доштани Ватан, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардани инсонҳоро бозгӯ мекунад. Гуногунии мавзуъ ва мундариҷаи ашъори Саҳобӣ далели он аст, ки ӯ соҳиби табъи хуби шоирӣ будааст. Саҳобии Астарободӣ соли 1010 ҳиҷрии қамарӣ, баробар ба соли 1601 мелодӣ дар шаҳри Наҷафи Ироқ вафот карда, ҳамон ҷо дафн шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ аст. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 15 мақола, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи "Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи "Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
- **Шарипов Шариф Раҳмонович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунииии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ — Ҳакимов А.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — Суфизода Ш.

доктори илми филология, профессор,
мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ — Нарзиқул М.

13.03.2023